Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ. – Душанбе, 2025.**

Дар шароити мураккаби вазъи сиёсӣ ва гуногуншаклии омилҳои таъсиррасон ба низоми идораи сиёсӣ кам нафароне ҳастанд, ки нақши худро дар ин ё он соҳа ба таври барҷаста гузошта, эътибори баландро соҳиб гарданд.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Раҷабзода А.Н. дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба яке аз масъалаҳои мубрам бахшида шудааст. Зеро, таҳқиқ ва ба таври воқеӣ нишон додани саҳми шахсиятҳои алоҳида омили муҳими таъсиррасон дар низоми хидмати давлатӣ ва дипломатӣ барои насли ҷавон ба ҳисоб хоҳанд рафт.

Мавзуи мазкур дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон ва тамоюли таҳоҷуми арзишҳои фарҳангӣ ва таърихӣ, таҳрифи шахсиятҳои таърихӣ ва таҳмили онҳо ба сари намояндагони дигар миллатҳо аҳамияти илмӣ ва амалии хосаро касб менамояд.

Ҷойи тардид нест, ки шахсиятҳои хидматнишондодаи ба монанди академик Талбак Назаров ва омӯзиши саҳми барҷастаи он дар рушди дипломатия ва тавсеаи доираи шариконии хориҷии Тоҷикистон дар равобити дуҷониба ва бисёрҷониба барои насли нави фаъолияткунанда дар ҷодаи сиёсати берунӣ мояи ибрати бузург аст.

Дар робита бо ин, таҳлили ҳамаҷониба ва нишон додани ҷанбаҳои ибратбахши фаъолияти чеҳраҳои сиёсии риштаи дипломатия айни муддао мебошад.

Зимнан таъкид намудан ба мавриди хос аст, ки мазмун ва муҳтавои диссертатсияи мазкур бо шиносномаи ихтисоси 07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти сиёсӣ ва илмию амалии академик Талбак Назаров нишон медиҳад, ки он дар замоне рост

меояд, ки вазъи сиёсӣ, рушди иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони тозаистиқлол аз дигар давраҳои таърихӣ комилан мутафовит буд.

Вобаста ба ин, арзёбии саҳми академик Талбак Назаров дар пешбурди сиёсати берунии муваффақи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон намунаи олии садоқат ва фидокории фарзандони миллати тоҷик дар марҳалаи нави рушди давлатдории тоҷикон мебошад. Ин ба он маънност, ки фаъолияти илмӣ-амалӣ ва сиёсии Талбак Назаров ба замони аввали соҳибистиқлолии кишвар рост меояд, ки вазъи сиёсӣ дар кишвар мураккаб буд.

Маҳз ба давраи мураккаби вазъи сиёсии Тоҷикистон рост омадани фаъолияти сиёсӣ-дипломатии Талбак Назаров муҷиби таҳти таъсири амиқи равандҳои мазкур қарор гирифтани чунин чеҳраҳои сиёсӣ гардидааст.

Дар ин замина, тасмимҳои амиқу санҷидашуда ва интихоби роҳи дурусти фаъолият дар умури беруна, аз ҷойгоҳ ва саҳми Талбак Назаров дар рушди дипломатияи тоҷик дарак медиҳад.

Дар маҷмуъ, омӯзиши фаъолияти ибратомӯзи ходими намоёни арсаи сиёсат Талбак Назаров, таҳқиқи амиқи солҳои ҷавонӣ ва оғози фаъолияти илмию сиёсӣ, ташаккули шахсияти Талбак Назаров ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ, инчунин, нақши ӯ дар ташаккули сохтории Вазорати корҳои хориҷӣ ва рушди низоми хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон, саҳми беназири академик Талбак Назаров дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон (1996-1997) аз масъалаҳои мубраму меҳварии таҳқиқот ба ҳисоб мераванд.

Талбак Назаров ҳамчун шахсияти сарсупурдаи миллӣ, муаррифгари давлат ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ гардида, андешаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ дар бораи шахсият ва фаъолияти дипломатию сиёсии академик Талбак Назаров шаҳодати гуфтаҳост, ки зимни таҳқиқоти мавриди назар баррасӣ гардидаанд.

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар рисолаи илмӣ ҳадафи таҳқиқот мушаххас гардида, он аз таҳлилу омӯзиши ҳаёту фаъолияти академик Талбак Назаров ва муайян намудани саҳми ӯ дар ташаккулу рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар меояд.

Муҳаққиқ зимни анҷом додани рисолаи илмӣ ва ноил шудан ба мақсади таҳқиқот ҳалли вазифаҳои зеринро ба монанди: таҳқиқи солҳои ҷавонӣ ва оғози фаъолияти илмию сиёсии академик Талбак Назаров; ташаккули шахсияти Талбак Назаров ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсӣ ва давлатӣ; омӯзиши нақши Талбак Назаров дар рушди сохтории Вазорати корҳои хориҷӣ ва ташаккули хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; андешаҳои Талбак Назаров вобаста ба рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; баррасии саҳми академик Талбак Назаров дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон (1996-1997); омӯзиши шахсияти Талбак Назаров ҳамчун муаррифгари давлат ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ; инчунин, арзёбии ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ дар бораи шахсият ва фаъолияти дипломатию сиёсии академик Талбак Назаров, ба миён гузоштааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Дар заминаи ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот навгониҳои илмии диссертатсия низ бо низоми мукаммал ва риояи талаботи илмӣ анҷом ёфта, дуруст нишон дода шудаанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда низ дорои аҳаммияти баланди илмию амалӣ мебошанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** низ бо истифодаи маълумоти дақиқ ва сарчашмаҳои воқеӣ, ҳаҷми кофии маводи илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълифоти худии муаллиф асоснок гардидааст.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили илмӣ хулосаву тавсияҳои зарурӣ оид ба раванди ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми академик Талбак Назаров дар раванди сулҳи тоҷикон ва дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти ӯ пешниҳод гардидаанд.

**Сохтор.** Рисолаи илмӣ аз мундариҷа, номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат мебошад. Он дар 180 саҳифаи матни компютерӣ наишта шудааст.

Муқаддимаи рисола аз мубрамияти мавзуъ оғоз ёфта, дар он объекту предмет, дараҷаи таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, навгониҳои илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ, аҳамияти илмию амалӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян карда шудаанд.

Дар боби якум муаллиф оид ба марҳилаҳои асосии ҳаёту фаъолияти Талбак Назаров ва ташаккулёбии шахсияти ӯ ҳамчун арбоби барҷастаи сиёсию давлатӣ ибрози назар намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия муаллиф нақши Талбак Назаровро дар татбиқи сиёсати хориҷӣ ва ташаккули хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, саҳми ӯро дар раванди музокироти сулҳи тоҷикон таҳлил карда, андешаҳои Т. Назаров вобаста ба рушди дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Боби сеюми рисола ба саҳми Талбак Назаров дар муаррифии давлату миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ва нуфузу эътибори байналмилалии ӯ бахшида шуда, дар он ақидаҳои сиёсатмадорон ва олимони дохилию хориҷӣ дар бораи шахсият ва фаъолияти дипломатию сиёсии Т. Назаров мавриди арзёбӣ қарор дода шудааст.

Қисмати хулосавӣ натиҷаи асосии таҳқиқоти мазкур ба ҳисоб рафта, дар он тавсияву пешниҳодҳои муаллиф оварда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки мавод ва натиҷаҳои диссертатсияро барои мутахассисону коршиносони соҳаи дипломатия, таърихнигорон, ҷомеашиносон, иқтисоддонҳо ва онҳое, ки машғули омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди хизмати дипломатӣ ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ мебошанд, метавон тавсия дод.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мешавад, ки хулосаву тавсияҳои муаллиф шоистаи онанд, ки дар фаъолияти ниҳодҳои марбутаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар сохторҳои дахлдор, инчунин, дар фаъолияти кории ҳаррӯзаи ходимони сиёсӣ, хизматчиёни давлатӣ ва дипломатӣ истифода гарданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва муқаррароти диссертатсия дар 7 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаи илмӣ, ки дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ба нашр расидаанд, инъикос меёбад.

Дар маҷмуъ, **саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба таври назаррас эҳсос гардида, ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз интихоби мавзуъ, муайян кардани мубрамии он, муайянсозии мақсад ва иҷрои вазифаҳо бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ анҷом дода шудааст.

Ҳамин тавр, унвонҷӯ дар раванди кор вобаста ба саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон адабиёту сарчашмаҳои илмию оммавиро мавриди таҳқиқ қарор дода, бо олимону ҳамкорон, шогирдон ва худи ӯ вохӯриву суҳбатҳои муҳимми коршиносӣ анҷом дода, хулоса ва тавсияҳоро пешниҳод намудааст.

Рисолаи илмӣ бо риояи талаботи илмӣ-таҳқиқотӣ ва забони илмӣ анҷом дода шуда, дар баробари комёбиҳо, инчунин, дар он якчанд норасоиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки тавсияҳои зеринро ҷиҳати такмили минбаъдаи рисола ба мақсад мувофиқ мешуморам:

1. Новобаста аз он, ки дар зербоби 3.1.-и рисола таҳти унвони “Талбак Назаров муаррифгари давлат ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ” доираи васеи адабиёт ва рӯйдодҳо аз фаъолияти академик Талбак Назаров таҳлил гардидаанд, аммо хуб мешуд дар ҳоли таҳияи монография таснифи соҳавии (сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ) фаъолияти ӯ ба инобат гирифта мешуд.

2. Зарур мешуморем то зимни таҳияи минбаъдаи маводи илмӣ дар робита ба фаъолияти Талбак Назаров ба ғайр аз равиши тарҷумаиҳолӣ, инчунин, равиши мушаххаси илмӣ дар самти инъикоси ибратомӯз будани фаъолияти илмӣ-амалии эшон таваҷҷуҳи бештар равона гардад.

3. Зимни таҳияи минбаъдаи маводи илмӣ таҳқиқотӣ, равишҳои илмӣ-назариявии фаъолияти Талбак Назаров дар алоқа бо назарияи равобити минтақавӣ ва байналмилалӣ истифода гардад.

4. Дар рисола, баъзан норасоиҳои имлоӣ низ мушоҳида гардида, вале аз назари мазмуну муҳтаво сифати илмии онро коста намегардонад.

Дар маҷмуъ, тавсия ва норасоиҳои зикргардида, эътибори илмии рисоларо поён набурда, балки аз назари сифатӣ ба он мазмуну муҳтаво зам менамоянд.

Таҳқиқоти илмии Аъзамҷон Нурали Раҷабзода амали анҷомёфта буда, дорои мубрамият ва навгониҳои ба худ хос мебошад. Истифодаи таҳқиқот минбаъд дар рушди фаъолияти хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда, барои ҷавонон мояи ибрати бузург хоҳад буд.

Аз ин рӯ, метавон иброз намуд, ки рисолаи илмии Раҷабзода Аъзамҷон Нурали дар мавзуи «Саҳми академик Талбак Назаров дар ташаккул ва рушди хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо 26.06.2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, комилан мутобиқ мебошад. Автореферати он низ, ки аз мазмуну муҳтавои мушаххаси диссертатсия бармеояд, ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ аст.

Бо ин ҳол, метавон рисолаи мазкурро таҳқиқоти илмии анҷомёфта арзёбӣ намуда, муаллифи он Раҷабзода Аъзамҷон Нуралиро ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) сазовор донист.

**Муқарризи расмӣ,**
номзади илмҳои таърих,
сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии
масъалаҳои амнияти минтақавии
Маркази тадқиқоти стретегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Шарифзода Саидҳомид Сафар

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
Тел.: (+992) 938-48-58-46;
E-mail: sayhomid.tj.93@mail.ru

Имзои С.С. Шарифзодаро тасдиқ
менамоям: сардори Шуъбаи кадрҳо — Қудратова Сарвиноз Раҷабалиевна

МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

23.04.2025